# САФОРАТИ ИМА МАРКАЗҲОИ ТИББИРО БО НЕРӮГОҲҲОИ БАРҚИИ БЕЗАРАР ТАЪМИН МЕНАМОЯД

**Ноҳияҳои Шӯробод ва Ҳамадонӣ, Тоҷикистон, моҳи августи соли 2010 –** Дар давоми моҳи гузашта Сафорати Амрико бо кӯмаки Гурӯҳи робитаҳои шаҳрвандии артиши ИМА дар деҳаҳои Сари Чашма, Чилға, Чубек, Метинтӯғай ва Ёл неругоҳҳои барқии офтобиро насб кард, ки онхо метавонанд марказҳои тиббии ин деҳаҳоро бо қувваи барқи доимӣ таъмин намуда, вазъи тандурустии аҳолии деҳоти Тоҷикистонро беҳтар намоянд.

Вазорати Мудофиаи ИМА маблағи беш аз 8000 доллари ИМА-ро сарф намуда Гурӯҳи робитаҳои шаҳрвандиро ба Тоҷикистон барои назорат аз болои насби нерӯгоҳҳои барқии офтобӣ сафарбар намуд, ки дар аввали моҳи августи соли 2010 оғоз гардид. Бо кӯмаки ҶММ "Торон" вокеъ дар шаҳри Душанбе, ки бо насби нерӯгоҳҳои офтобӣ ва шамолӣ машғул аст, гурӯҳи робитаҳои шаҳрвандӣ марказҳои тиббиро бо қувваи барқи доимӣ таъмин намуд. Пештар марказҳои мазкур дар фасли зимистон аз қувваи барқ маҳрум буданд.

Насби нерӯгоҳҳои барқи офтобӣ дар ноҳияҳои Шӯробод ва Ҳамадонӣ яке аз чандин лоиҳаҳое мебошад, ки аз тарафи гурӯҳи робитаҳои шаҳрвандии Артиши ИМА аз оғози Барномаи робитаҳои шаҳрвандӣ аз моҳи маи соли 2008 дар Душанбе татбиқ мешаванд. Лоиҳаҳои охирине, ки аз ҷониби гурӯҳи мазкур амалӣ шудаанд, гузаронидани дарсҳо ва муоинаи тиббии зиёда аз 1200 нафар аҳолии маҳаллии Тоҷикистон, барқарорсозии насоси обёрикунии деҳаи Зарбдори ноҳияи Қумсангир, тармими мактаби №10 ва беморхонаи №1 ноҳияи Фархор ва мактаби №23 ноҳияи Шӯрободро дар бар гирифтанд. Инҳо яке аз чандин лоиҳаҳое мебошанд, ки соли гузашта аз ҷониби Вазорати мудофиаи ИМА маблағгузорӣ шудаанд ва маблағи умумии ин лоиҳаҳо беш аз 490 000 доллари ИМА-ро ташкил мекунад.

ИМА рушди соҳаи маъориф ва тандурустиро дар Тоҷикистон дастгирӣ мекунад.

Барои иттилооти иловагӣ лутфан ба сайти мо http://dushanbe.usembassy.gov/ ташриф оред.